# Допинг ва саломатӣ



# Мафҳуми допинг. Қоидаҳои зиддидопинг

Тибқи Кодекси Байналмилалии зиддидопинг (Кодекс) допинг ҳамчун содиркунии як ё якчанд вайронкунии қоидаҳои зиддидопингӣ, ки дар моддаҳои 2.1-2.10 Кодекси мазкур дарҷ шудаанд, дониста мешавад.

Дар Кодекс дар бораи он, ки на танҳо намунаи мусбат метавонад вайронкунии қоида бошад, дарҷ гардидааст.

Ба вайронкунии қоидаҳои зиддидопингӣ дохил мешаванд:

- ✓ Мавҷуд будани маводи манъшуда ё метаболитҳои он ё нишонаҳо дар намунаи аз варзишгар гирифташуда.
- ✓ Истифода ё кӯшиши истифода шудани мавод ё усули манъшуда.
- ✓ Саркашӣ, радкунӣ ё ҳозирнашудан ба амали намунагирӣ.
- ✓ Вайронкунии тартиби пешниҳоди маълумот дар бораи маҳалли будубош.
- ✓ Сохтакорӣ ё кӯшиши сохтакории ягон қисмати таркибии допинг-назорат.
- ✓ Доштани мавод ё усули манъшуда.
- ✓ Паҳнкунӣ ё кӯшиши паҳнкунии ҳама гуна мавод ё усули манъшуда.
- ✓ Таъин кардан ё кӯшиши таъин кардани мавод ё усули манъшуда.
- ✓ Ҳаммаслакӣ (кӯмак, ҳавасмандкунӣ, мусоидат, иғвогарӣ, пинҳонкунӣ ё намуди дигари ҳаммаслакии мақсаднок, аз ҷумла вайронкунӣ ё кӯшиши вайронкунии қоидаҳои зиддидопингӣ).
- ✓ Ҳамкории манъшуда (ҳамкории варзишгар ё шахси дигаре, ки зери қонунгузории ташкилоти зиддидопингӣ амал мекунад, бо ҳайати варзишгар, дар ҳолати ба зери қонунгузории ташкилоти зиддидопингӣ афтодани ҳайати мазкур тибқи таҳрими ихтисосӣ).

Вайронкунии қоидаҳои зиддидопингӣ бо воситаҳои боэътимоди гуногун, азҷумла натиҷаҳои тадқиқотҳои ташхисгоҳ ва далелҳои дигар – ба ном далелҳои “ғайритаҳлилӣ” исбот шуда метавонад.

Далелҳо метавонанд, бе маҳдудият, “шиносномаи биологии варзишгар” (тадқиқоти андозаҳои биологии варзишгар дар давоми мӯҳлати нисбатан дароз), иқрор, баёнотҳои шоҳидон ва далелҳои дигари гуногуни ҳуҷҷатиро дар бар гиранд.

Тибқи Кодекси байналмилалии зиддидопингӣ – ҳар як варзишгар бояд қоидаҳои зиддидопингии мусобиқаҳоро иҷро кунад, зеро онҳо қоидаҳои варзишие мебошанд, ки тибқи онҳо мусобиқа гузаронида мешавад. Варзишгарон қоидаҳои мазкурро чун шарти иштирок дар мусобиқа бояд қабул ва риоя намоянд! Барои надонистани қоидаҳои зиддидопинги варзишгар масъулияти шахсӣ мебарад.

# Таснифоти воситаҳои допингӣ

Дар солҳои охир мушкилоти истифодаи фармакалогия, на танҳо витаминҳо, азҷумла доруворин ҷиддӣ, ба муҳити варзишии кӯдакон-наврасон ворид шуда истодааст. Мураббиён, варзишгарон, инчунин дар аксари мавридҳо худи волидайн барои расидан ба мақсадҳои хуби варзишӣ ба варзишгарони ҷавон истифодаи воситаҳои доруворӣро таъмин мекунанд. Ҳамин тариқ, ба саломатии варзишгари ҷавон аз доруворие, ки барои беҳтаркунии натиҷаҳои варзишӣ истеъмол мешавад, зарари ҷиддӣ мерасад. Ҳангоми ин оқибатҳои дури истеъмоли доруворин мазкур дар варзишгарон дар амалияи клиникӣ таҳқиқ нашудааст ва ин метавонад ба саломатии ояндаи варзишгари ҷавон зарар дошта бошад.

## 1. Стероидҳои анаболикӣ

Воситаҳои аз ҳама хатарноки допинг. Дар варзиши касбӣ ва ғайрикасбӣ васеъ паҳн шудаанд. Рӯйхати маводҳо хеле калон аст. Тарзҳои гуногуни истифода доранд. Сӯзандору, ҳаббҳо, часпакҳо ва ё метавонанд дар асоси об ё равған омода карда шаванд.

Стероидҳо метавонанд мушакҳоро боқувват ва калон кунанд, аммо оқибати истеъмоли онҳо барои саломатӣ зарар дорад.

Дар бораи хатари калони истеъмоли стероидҳо дар синни наврасӣ маълумот доштан зарур аст. Дар синни мазкур на танҳо бакамолрасии ҷинсӣ, ки ба он стероидҳо таъсир мерасонанд, рӯй медиҳад, балки ташаккули андом низ сурат мегирад, ки дар шахсият тамоми умр боқӣ мемонад.




Наврасоне, ки стероидҳоро истеъмол мекунанд, зуд ғазабнок, ҳассос, ба ҳолати ошуфтагӣ (депрессия) ё кайфият меафтанд, зудранҷ ва тарканда, беқарор мегарданд, ба эҳсоси ғазаб моил мешаванд. Дар ҳолатҳои фавқулода ин метавонад боиси омодагӣ ба зӯроварӣ ва хушунат гардад.

# Оқибати истеъмоли стероидҳо барои саломатӣ

- ✓ алоқамандии равонӣ
- ✓ ғазабнокии аз ҳад зиёд
- ✓ гуногуншавии табъу ҳолат
- ✓ бемориҳои ҷигар
- ✓ бемориҳои  низоми дилу рагҳо
- ✓ баландшавии фишори шараёнӣ
- ✓ акне (рихинакҳо)
- ✓ самараи  ҳамшафати ҷинсӣ.





## Қабули маводҳои анаболикӣ барои  мардон оқибатзои зеринро ба вуҷуд меорад:

- ✓ хурдшавии мояҳо
- ✓ камшавии истеҳсоли манӣ
- ✓ вайроншавии ҳолати майли алоқаи ҷинсӣ

## дар занҳо:

- ✓ ғафсшавии овоз
- ✓ аз ҳад зиёд афзоиш кардани мӯи рӯй ва бадан
- ✓ вайроншавии марҳилаи ҳайзбинӣ

## 2. Ҳормони афзоиш

Ҳормонҳои афзоиш низ хеле васеъ паҳн шудаанд. Туфайли ин ҳормон калоншавии ҳаҷм ва қувваи мушак, мустаҳкамшавии унсурҳои дигари сохтори такя ва ҳаракат (раг, пайҳо, тағоякҳо, устухонҳо) рӯй медиҳад. Аммо истифодаи он аз ҷониби шахси калонсол барои афзоиш ёфтани устухонҳо ва бофтаҳо дар узвҳои дохилӣ мерасонад, ки метавонад ҳолати бемориро вобаста ба вайроншавии андозаҳои муқаррарӣ (азҷумла дил, гурдаҳо, ҷигар, шуш ва ғ.) ба миён орад.

## Таъсир ба саломатӣ

- ✓ афзоиши аз ҳад зиёд
- ✓ дарди сахти сар
- ✓ вайроншавии босира
- ✓ баландшавии фишори хун ва хатари инкишофи норасоии фаъолияти дил
- ✓ диабетиқанд ва омосҳо
- ✓ артрит,
- ✓ васеъшавии дил
- ✓ вайроншавии фаъолияти ҷигар ва ғадуди сипаршакл

## 3. Эритропоэтин



Эритропоэтин, аз як ҷиҳат маводи начандон хатарноки допингӣ, метавонад зарари калон расонад. Дар тибб зери эритропоэз пайдошавии эритроситҳои бакамолрасидае, ки вазифаи интиқоли оксигенро ба ҳуҷайраҳо дорад, фаҳмида мешавад. Дар натиҷаи гирифтани микдори зиёди фаъолнокии энергетикӣ қувваи организм босуръат баланд мешавад. Аммо ҳавасмандкунии доимии мағзи сари сурх (ҳамин ҷо эритроситҳо тавлид мешаванд) метавонад ба мурури вақт ба харобшавӣ ва вайроншавии хун расонад. Ғайр аз ин, ҳаҷми зиёди ҷисмҳои сурхи хун таркиби хунро ғафс мекунад, яъне хатари ба вуҷуд омадани сарбандшавии рагҳо, азҷумла дар дил ва мағзи сарро дорад (ва мутобиқан сактаи дил ё сакта майнаи сарро ба вуҷуд меорад).

# 4. Ҳавасмандкунандаҳо (стимуляторҳо)

Ҳавасмандкунандаҳо ба доираи маводҳое дохил мешаванд, ки истеъмоли онҳо ба варзишгарон манъ карда шудааст. Онҳо фаъолияти организм ё низомҳои алоҳидаи онро босуръат мекунанд. Ин зергурӯҳи маводҳо дар давраи гузаронидани мусобиқаҳо манъ карда шудааст. Ин ҳолат бо он вобаста аст, ки амали зергурӯҳи мазкури маводҳо самараи кӯтоҳмуддат дорад. Маводҳои ҳавасмандкунанда ба низоми марказӣ ва канории асаб таъсир мерасонанд.

**Самараи манфии истеъмоли ҳавасмандкунандаҳо:**

- ✓ мушаввашӣ ва ғазабнокӣ
- ✓ камшавии оби бадан
- ✓ камшавии вазни бадан
- ✓ вайроншавии танзими ҳароратии бадан
- ✓ дилзании номураттаб
- ✓ фишорбаландӣ
- ✓ баландшавии хатари сактаи майнаи сар

Аксарияти маводҳои мазкур дар таркиби маводҳои зиддишамолкашӣ вуҷуд дошта метавонанд. Масалан, маводҳои мазкур метавонанд дар таркиби спрейҳои бинӣ, гӯш ва чакраҳо барои чашм вуҷуд дошта бошанд. Бинобар ин, қабл аз истеъмоли маводҳои зикршуда варзишгар бояд назорат кунад, ки дар таркиби он маводҳои манъшуда мавҷуданд ё не.

**Маводҳои ҳавасмандкунанда метавонанд ҳолатҳои зеринро ба вуҷуд оранд:**

- ✓ ларза ва тремор;
- ✓ мушкилоти доштани мувозинати ҳаракат;
- ✓ босуръатшавии фаъолияти дил;
- ✓ зарбаи ҳароратӣ бо коллапси минбаъда ва ҳатто марг;
- ✓ пайдошавии алоқамандӣ ва вайроншавии ҳолати рӯҳӣ.



# 5. Каннабиноидҳо

Яке аз намудҳое, ки бештари вайронкунии қоидаҳои зиддидопингӣ бо онҳо вобастаанд, каннабиноидҳо мебошанд.

Каннабиноидҳо намудҳои зерин доранд: табиӣ (масалан каннабис, ҳашиш вамарихуана); ё сунъӣ делта-9-тетрагидроканнабинол; каннабимиметикҳо, мисол, «Spice».

Нобобаста ба он, ки марихуана аз 400 моводи кимиёвӣ иборат аст, моводи асосии фаъоли он, ки ба шуур таъсир мекунад, делта-9-тетрагидроканнабинол ё ТГК мебошад. ТГК ба ҳуҷайраҳои чарб ва узвҳо ба монанди мағзи сар, узвҳои таносул, сипурз ва шуш таъсир мерасонад. Миқдори зиёди ТГК дар мағзи сар дар маҳалҳои барои мувозинати ҳаракат, таълим ва хотира масъул мушоҳида мешавад.

Аксарияти омехтаҳои тамокукашӣ дар таркибашон каннабиноиди сунъӣ дорад, ки бо қувваи таъсир аз каннабиноидҳои табиӣ пурқувваттар аст. Дар навбати аввал кашидани омехтаҳои мазкур ба тағйирёбии ҳолати рӯҳӣ, инчунин ба ҳолати ҷисмонии бадан низ таъсири калони манфӣ мерасонанд. Ғайр аз таъсири манфӣ онҳо ҳолати одаткунӣ, инчунин ҳолати алоқамандиро  ба вуҷуд меоранд.

Spice («spice» — хушбӯӣ) — яке аз брендҳои омехтаҳои тамокукашии сунъӣ мебошад, ки дар намуди  растании бо моводи кимиёвии ба сатҳи он пошидашуда ба фурӯш бароварда мешаванд. Дар айни замон каннабиноидҳои сунъӣ маводҳои фаъоли Spice мебошанд.

Донистан зарур аст, ки каннабиноидҳо: табиӣ (масалан, каннабис, ҳашиш ва марихуана) ва сунъӣ делта-9-тетрагидроканнабинол (ТГК) ва каннабимиметикҳо, масалан, Spice,  JWH-O18,  JWH-O73,  HU-210 ба “Рӯйхати сиёҳи маводҳо ва усулҳо”-и АБЗД (синфи S8) дохил мешаванд ва дар давраи мусобиқа манъ карда шудаанд.

Мушкилот дар он аст, ки дар давраи мусобиқаҳо, аз нуқтаи назари Кодекси байналмилалии зиддидопинг, маводҳои нашъадор (синфи S7) ва каннабиноидҳо манъ нашудаанд. Аммо, якум, бо истеъмоли маводҳои нашъадор дар давраи ғайримусобиқавӣ бо сабаби он, ки онҳо аз организм дер хориҷ мешаванд, маводҳои мазкур метавонанд дар давраи мусобиқа дарёфт карда шаванд.  Ин бошад вайронкунии қоидаҳои зиддидопингӣ мебошад. Дуюм, ҳангоми истеъмоли каннабиноидҳо дар давраи берун аз мусобиқа (дар давраи мусобиқа инчунин!) варзишгар реҷаи варзиширо вайрон мекунад. Ин дар оқибат ба ҷазои интизомӣ мебарад.

Зиёда аз ин дар хотир доштан зарур аст, ки истеҳсол, нигоҳдорӣ ва фурӯши каннабиноидҳо аз ҷониби қонунгузорӣ ҷазо дода мешавад.

# 6. Нос

Дар айни замон нос дар муқоиса ба тамоку ва машрубот, ки фурӯши он танҳо ба шахсони  аз 18-сола боло иҷозат дода шудааст, маводи дастраси умум аст. Ғайр аз ин, нархи он нисбатан арзон аст – он аз тамоку арзонтар аст.

Қисмати асосии нос махорка ё тамокуи оддӣ мебошад. Пештар растании тамокумонанди “нос” истифода мешуд, ки ин мавод аз ҳамон ном гирифтааст. Ба ғайр аз тамоку дар таркиби нос оҳаки сӯхта ё спирти хушк, хокистари растаниҳои гуногун, омехтаи саргини шутур ё мурғ, дар баъзе ҳолатҳо равған мавҷуд аст. Худи таркиби ин мавод эҳсоси бадро ба вуҷуд меорад. Як ҷузъиёти дигар, саргини мурғ ҳангоми пошидан ба полезҳо пешакӣ  бо об омехта карда мешавад, то ки растаниҳои осеб набинанд, зеро растаниҳои полезӣ метавонанд “сӯзанд”. Ба таркиби нос саргини мурғ бе ягон омехтакунӣ илова карда мешавад.

Истифодаи дурударози нос метавонад хурӯҷҳои қайъкунӣ, дарди сар, вайроншавии  кори меъда, пайдошавии захму обилаҳоро дар лабон  ба вуҷуд орад.

Ба он диққат додан зарур аст, ки шахсони истеъмолкунандаи нос бо эҳсоснокии баланд, рафтори бешуурона аз дигарон тафовут доранд. Онҳо метавонанд бо атрофиён дағалонаву беистиҳола рафтор кунанд, бо мураббӣ, омӯзгор ё волидайн дурушт муомила намоянд.

Барои бештар ба фурӯш рафтан ба таркиби нос ҳашиш ё дигар маводҳои нашъадорро илова мекунанд. Ҳамин тариқ, одаткунии мунтазам аз носи “безарар” ба маводҳои дигари нашъадор ба вуҷуд омада метавонад.



# 7. Иловаҳои биологии фаъол дар варзиш

Иловаҳои биологии фаъол (ИБФ) танҳо иловаҳо ба хӯрок мебошанд, онҳо моводҳои доруворӣ маҳсуб нашуда, танҳо ғизои иловагӣ мебошанд, ки аз онҳо танҳо як чиз – зарар нарасонидан тақозо карда мешавад. Аммо дар айни замон ИБФ ва ғизои варзишгарон ҳоло хеле маъмул гаштааст ва талаботи калон дорад. Ширкатҳое пайдо мешаванд, ки мехоҳанд бо хароҷоти камтарин фоидаи калонтаринро гиранд ва дар сатҳи сифати маҳсулот сарфа мекунанд.

Ташкилоти минтақавии зиддидопингӣ истеъмоли ИБФ-ро ҳам ба варзишгарон, ҳам ба шахсони дар фитнесс-клубҳо машққунанда тавсия намекунад, зеро ба таркиби онҳо дар бештари мавридҳо маводҳое дохил мешаванд, ки дар борпеч зикр нашудаанд, азҷумла маводҳои манъшуда.

Пеш аз қабули қарор оиди истеъмоли ин ё он илова аввал боварӣ ҳосил кардан зарур аст, ки ин ҳақиқатан ба шумо зарур аст ва барои саломатӣ ва рушди касбии варзишӣ зарурат дорад.

Дар хотир доштан зарур аст, ки то 70% маҳсулоти ғизои варзиширо маводҳои сохташуда ташкил медиҳанд, ки дар таркибашон метавонанд маводҳои манъшудаи варзишӣ, ба монанди стероидҳои анаболикӣ, маводҳои ҳавасмандкунанда, маводҳои пешоброн ва ғ. дошта бошанд. Махсусан ба харидории маводҳои ғизои варзишӣ тавассути интернет эҳтиёткорона муносибат кардан зарур аст. Дар аксарияти кишварҳо ҳукумат ба таври мутобиқ истеҳсоли онҳоро танзим намекунад. Ин маънои онро дорад, ки маводҳои таркибии ғизо метавонанд ба маводҳои дар борпеч зикршуда мувофиқат накунанд ва тибқи қоидаҳои зиддидопингӣ манъ шуда бошанд.

Қисми зиёди натиҷаҳои мусбати допинг-назорат оқибати истфодаи ИБФ-и бесифат мебошанд.

Ба ИБФ ва ғизои варзишӣ чун воситаи универсалие, ки бе машварати духтур мустақилона онро истеъмол кардан имкон дорад, муносибат кардан мумкин нест. Ин метавонад барои саломатӣ ва рушди минбаъдаи касбии варзишӣ хатарнок бошад.



# 8. Нӯшокиҳои нерӯофар

Нӯшокиҳои нерӯофар ё энергетикҳо – нӯшокиҳои ғайриспиртие мебошанд, ки хусусияти рӯҳбаландкунанда доранд, махсусан нӯшокиҳои нерӯофар байни ҷавонон ва шахсони бо варзиш машғулбуда маъмуланд.

Дар аксар мавридҳо маъмул будани нӯшокиҳои нерӯофар бо стратегияи бомуваффақияти маркетингӣ шарҳ дода мешавад. Дар ширкатҳои рекламавӣ ба истеъмолкунандагон "таркиши нерӯӣ", зиёдшавии қувваи ҷисмонӣ ва зеҳниро ваъда медиҳанд. Ширкатҳои истеҳсолкунанда ба сифати спонсорҳои мусобиқаҳои калони варзишӣ баромад мекунанд. Ҳамин тариқ, истеъмоли нӯшокиҳои нерӯофар, махсусан аз ҷониби ҷавонон чун тарзи фаъоли зиндагӣ, варзиш, ҳаракат фаҳмида мешавад.

Аммо таъсири нерӯии нӯшокиҳои мазкур – бофтаи хаёлот аст, зеро онҳо на худ аз худ, балки захираҳои худи организмро истифода мекунанд. Истеҳсолкунанда баландшавии тоқатпазирӣ ва беҳтаршавии натиҷаҳои варзиширо ваъда медиҳад, дар ҳоле, ки маводҳои амалкунанда – ин кофеин ва/ё шабеҳи он (таурин, глюкуронолактон ва ғ.), шакар, қиёмҳои растанӣ мебошанд. Амали воқеии онҳо - ин босуръаткунии муваққатии назми дил, баландшавии фишори хун аст, онҳо метавонанд камшавии оби баданро ба вуҷуд оранд.

Хатари истеъмол боз дар он аст, ки дар аксари мавридҳо наврасон нӯшокиҳои нерӯофарро бо машрубот омехта карда менӯшанд, масалан коктейл "арақ-нерӯофар" – зарбаи шадид ба кори организм аст. Миқдори аз ҳад зиёди кофеин, ки дар коктейл вуҷуд дорад, дар инсон эҳсоси мастшавиро паст мекунад ва ба истеъмоли беназорати машрубот мебарад, ки 3 маротиба заҳролудшавии баданро тавассути машрубот зиёд мекунад. Истеъмоли нӯшокиҳои нерӯофар танҳо эҳсоси мастшавиро паст мекунад, на худи ҳолати мастиро!

Нӯшокиҳои нерӯофар, агар онҳо ҳатто чун нӯшокиҳои варзишӣ фурӯхта шаванд ҳам, бояд ҳангоми варзиш истеъмол нашаванд. Онҳо ташнагиро намешикананд – баръакс истеъмоли онҳо то варзиш, ҳангоми варзиш ва баъди он камшавии оби баданро босуръат мекунад. Инчунин истеъмоли нӯшокиҳои нерӯофар ҳангоми сарбории калони ҷисмонӣ мушкилоти низоми дилу рагҳоро ба вуҷуд меорад.

Зиёд истеъмол кардани нӯшокиҳои нерӯофар метавонад боиси ҳолатҳои зерин шавад: ҳассосият, дилзании номураттаб, бехобӣ, ошуфтаҳолӣ, ивазшавии зуди табъ ва ғ. расонад. Бо сабаби миқдори зиёди шакар дар нӯшокиҳои нерӯофар (ба 250 мл 9 пора қанд рост меояд, барои муқоиса дар нӯшокии газдор 6 пора қанд аст) истеъмоли онҳо метавонад оқибатҳои бад дошта бошад: вайроншавии сири дандонҳо, вазни зиёдатӣ, бадшавии кори меъда, бодҳои зиёд, халаи меъдаву рӯдаҳо, бемориҳои аллергикӣ, вайроншавии мубодилаи маводҳо, калоншавии ҳаҷми ҷигар, диабети қанд. Инчунин миқдори зиёди кофеини таркиби нӯшокиҳои нерӯофар метавонад эҳсоси алоқамандиро ба монанди маводҳои нашъадор ба вуҷуд орад. Истеъмоли якбораи кофеин ба миқдори 150 г ба як кг вазни бадан метавонад ба марг расонад. Ба ҳисоби миёна, дар як қуттии нӯшокии нерӯофари ҳаҷмаш 250 мл 80 мг кофеин мавҷуд аст. Аммо дар аксарияти мавридҳо нӯшокиҳо дар қуттиҳои 500 мл фурӯхта шуда, мутобиқан 160 мг кофеинро доранд.

# Стандарти байнамилалӣ «Рӯйхати маводҳо ва усулҳои манъшуда»

Рӯйхати маводҳо ва усулҳои манъшуда (Рӯйхат) – феҳрасти маводҳо ва усулҳои манъшуда аз ҷониби Агентии Байналмилалии зиддидопингӣ (АБЗД) тартиб дода мешавад.

Дар Рӯйхати манъшуда АБЗД рӯйхати маводҳо ва усулҳои дар варзиш манъшуда оварда мешаванд.

АБЗД ба таври мунтазам ҳар соляк маротиба Рӯйхати мазкурро нав мекунад. Рӯйхати навшуда, одатан, ҳар сол санаи 1 январ эътибор пайдо карда, қаблан дар давоми якчанд моҳ дар сомонаи АБЗД дастрас аст.

Рӯйхати манъшударо ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1.Маводҳо ва усулҳои дар тамоми давраҳо, азҷумла давраи мусобиқавӣ ва ғайримусобиқавӣ манъшуда (маводҳое, ки барои истифода иҷозат дода нашудаанд: стероидҳоианаболикӣ, ҳормонҳои пептидӣ, ҳормонҳои афзоиш ва маводҳои ба онҳо монанд, бета-2-агонистҳо, антагонистҳои ҳормонӣ и модуляторҳо, маводҳои пешоброн ва маводҳои дигари рӯпӯшкунанда, допинги хун, усулҳои кимиёвӣ ва ҷисмонӣ, допингӣ ирсӣ).

2.Маводҳои танҳо дар давраи мусобиқавӣ манъшуда (маводҳои ҳавасмандкунанда, каннабиноидҳо, глюкокортикостероидҳо).

3.Дар баъзе намудҳои  алоҳидаи варзиш манъшуда (машрубот ва бета-маҳдудкунандаҳо).

Фарзияи амалкунандаи Рӯйхати маводҳо ва суслҳои манъшуда дар сомонаи АБЗД https://www.wada-ama.org/en/resources/science-medicine/prohibited-list



# ИСТИФОДАИ ТЕРАПЕВТИИ МАВОДҲОИ МАНЪШУДА

Тибқи Стандарти байналмилалӣ оиди истифодаи терапевтӣ, варзишгар маводҳо ва усулҳои Рӯйхати манъшударо дар сурати доштани иҷозати аз ҷониби Кумита оиди истифодаи терапевтии ташкилоти мутобиқи зиддидопингӣ ва федератсияи байналмилалӣ додашуда ҳуқуқ дорад истифода кунад.

## Варзишгар ба табобат ҳуқуқ дорад!

Агар вазъи саломатии Шумо истифодаи маводҳо ва усулҳои дар Рӯйхати манъшуда зикршударо талаб намояд, ба Шумо метавонанд Иҷозати истифодаи терапевтии (ИТ) онҳоро тибқи Кодекси Байналмилалии зиддидопинг  диҳанд.

## Иҷозатнома ба ИТ ҳуқуқҳои зеринро таъмин мекунад:

✓ Ҳуқуқи Шумо барои табобати бо ҳуҷҷат тасдиқшуда бо маводҳо ва усулҳои манъшуда;

✓ Ҳифз аз таҳримот барои мавҷуд будани мавод дар намуна, истифода, соҳибӣ кардан ё таъини мавод ё усули манъшудаи дар ИТ зикршуда.

# ТАЛАБОТҲО  БАРОИ ГИРИФТАНИ ИТ:

✓ истифоданакарданимавод ё усули манъшудаба бадшавии ҷиддии саломатӣ мерасонад;

✓ истифода ба беҳтаршавии натиҷаи варзишӣ намерасонад;

✓ усули дигари оқилона вуҷуд надорад;

✓ зарурати истифода оқибати истифодаи қаблӣ (бе ИТ)-и мавод ё усул, ки дар лаҳзаи истифодаи онҳо манъ шудаанд, намебошад.

# МАФҲУМИ ДАРХОСТИ ИТ ЧӢ МАЪНО ДОРАД?

Барои гирифтани иҷозати ИТ варзишгар бояд шакли дуруст пуркардашудаи дархости ИТ-ро ба ташкилоти мутобиқ пешниҳод кунад.

# Дар дархости ИТ зикр карда мешавад:

## Маълумот дар бораи варзишгар:

- ✓ ном ва насаб, ҷинс;
- ✓ маълумот барои тамос;
- ✓ намуди варзиш;
- ✓ сатҳи касбии варзишгар (вобастагӣ ба федератсияи байналмилалӣ ё миллӣ);
- ✓ маълумот оиди он, ки оё Шумо варзишгари имкониятҳои ҷисмониаашт маҳдуд ҳастед.

## Маълумоти тиббӣ:

- ✓ ташхиси муфассал;
- ✓ асоснокунӣ барои истифодаи мавод ё усули манъшуда.

## Ҷузъиёти тиббӣ:

- ✓ номгӯи бепатенти маводи манъшуда;
- ✓ воя;
- ✓ миқдор, тарз, давомнокии истеъмол;
- ✓ натиҷаҳои ташхиси лабораторӣ ва клиникӣ;
- ✓ аксҳовачадвалҳодигаре, ки ба дархостимазкуртааллуқдоранд.

## Ба дархост замима кардан зарур аст:

✓ эъломияи духтур, ки зарурати истифодаи мавод ё усули манъшуда, эътимоднокии маълумоти тиббиро тасдиқ мекунад, бо зикри ному насаб, тахассуси тиббӣ, маълумоти тамосии духтур, бо имзои шахсии духтур;
✓ дархостҳои қаблӣ, агар мавҷуд бошанд;
✓ эъломияи варзишгар бо иҷозат барои баррасии маълумоти шахсии варзишгар аз ҷониби Комиссия оиди ИТ ва шахсони дигар масъул.

Варзишгар бояд тамоми нусхаҳои ҳуҷҷатҳоро оиди Дархост барои ИТ нигоҳ дорад. Ҳамаи хароҷотҳо оиди додани Дархост ба ИТ ба зиммаи варзишгар гузошта мешаванд.

# МӮҲЛАТИ ПЕШНИҲОДИ ДАРХОСТ БА ИТ:

Дархост ба ИТ дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ҳангоми пайдошавии зарурат дар истифодаи маводҳо ё усулҳои манъшуда пешниҳод мешавад, аммо ТО истифодаи онҳо. Дархост ба ИТ маводҳо ва усулҳои манъшуда, ки дар давраи мусобиқа манъ шудаанд, на дер аз 30 рӯз қабл аз оғози мусобиқа пешниҳод мешавад.

# ҚАРОР ОИДИ ДАРХОСТИ ИТ:

- ✓ дар давоми 21 рӯз аз санаигирифтанидархост аз ҷониби Комиссия оиди ИТ қабулмешавад;
- ✓ ба варзишгар  дар шакли хаттӣ хабар дода мешавад ва дар низоми ADAMS ба қайд гирифта мешавад;
- ✓ радкунии додани ИТ бояд асоснокуии сабабҳои радкуниро дошта бошад;

Варзишгар ҳуқуқ дорад аз болои  қарори КИТ-ро ба мақомоти аппелятсионии мутобиқ шикоят арз кунад.

АБЗД ҳуқуқ дорад ИТ аз нав баррасӣ намояд. Аппелятсия аз болои қарори АБЗД ба Суди арбитражии варзишӣ дар Лозанна пешниҳод мешавад.

## Кӣ  Иҷозати ИТ  ба варзишгарон медиҳад?

Додани Иҷозати ИТ ба варзишгарони сатҳи миллӣ аз ҷониби Ташкилоти Миллии зиддидопингӣ ё Ташкилоти минтақавии зиддидопингӣамалӣ мешавад. Дархост тибқи шакли тасдиқшуда пур карда шуда, аз  ҷониби Комиссия оиди ИТ (КИТ) баррасӣ карда мешавад. Иҷозати ИТ танҳо дар давоми  мӯҳлати дар он зикршуда, танҳо барои маводҳо ва усулҳои зикршуда бо миқдори қатъиян вояшуда эътибор дорад. Иҷозати ИТ метавонад то ба охир расидани мӯҳлати амал ҳангоми иҷро накардани талабот ё шартҳои аз ҷониби Ташкилоти Иҷозатро супорида  бозхонд карда шавад.

Федератсияи Байналмилалӣ (ФБ) ба варзишгарони  сатҳи байналмилалӣ (тибқи муайянкунии ФБ), варзишгарони ба Доираи бақайдгирии тесткунии ФБ дохилбуда ё ба варзишгароне, ки дар мусобиқаҳои байналмилалӣ иштирок мекунанд, Иҷозати ИТ-ро медиҳад. Дархост барои ИТ тибқи шакли дархости ФБ ё тавассути низоми ADAMS ба расмият даровarda мешавад.

Ташкилотчии мусобиқаи калони варзишӣ

Агар истифодаи маводҳо ва усулҳои манъшуда дар рафти мусобиқаҳои калони варзишӣ (масалан Бозиҳои олимпӣ,чемпионатҳои ҷаҳон, Бозиҳои Осиё ва ғ.) зарурат дошта бошад, Иҷозати ИТ-ро Ташкилотчии мусобиқаи варзишии калон медиҳад.

# ИТ РЕТРОАКТИВӢ

Дар ҳолатҳои истисноӣ варзишгар метавонад иҷозати ИТ-ро пас аз истифода шудани мавод ё усули манъшуда гирад. ИТ ретроактивӣ метавонад дар ҳолатҳои зерин дода шавад:

- ✓ ҳангоми расонидани кӯмаки фаврии тиббӣ ё бадшавии ногаҳонии вазъи саломатӣ; ё
- ✓ дар ҳолатҳои истисноӣ,агар варзишгар барои пешниҳоди дархост, дар КИТ – барои баррасии дархоствақти кофӣ ё имконият мавҷуд набошад

Барои ба расмият даровардани Иҷозати ретроактивӣ варзишгар бояд маҷмӯи пурраи ҳуҷҷатҳои тиббиеро дошта бошад, ки мутобиқати шартҳои додани ИТ-ро тасдиқ мекунад.

## ДИҚҚАТ!

Варзишгар бояд нусхаи Иҷозати ИТ-ро барои гузаштани расмиёти назорати допингӣ пешниҳод намояд.



